Гузориши Бӣ-Бӣ-Сӣ, Тоҷикистон

Баргирифта шуда: Тавассути Идораи нашриёти Симои Шуғнон.

**Нашри нахустин китоби шеъри Сафо Алиназар ба забони шуғнӣ**

Рӯзи нашр: Сешанбе, 09 Апрели соли 2013 - 15:34



**“Оташу обу дуд”, чунин ном дорад нахустин китоби шеърҳои Сафо Алиназар, шоъири ҷавон, ки бо забони шуғнӣ, яке аз ҳафт забони мардумони Бадахшон дар Тоҷикистон мунташир шудааст.**

Сафо Алиназар мегӯяд, ки ҷамъ шудани қувваи ҳукм дар як марказ (ҷаҳонишавӣ – тарҷимаи нодурусти истилоҳи глобализатсия аст) ба он оварда расонд, ки бисёре аз забонҳои кучак дар ҷаҳон аз миён рафтанд.

Вай афзуд, ҳамчунон ба забонҳои Шуғнонӣ, Рушонӣ, Язгуломӣ ва Вахонӣ низ хатар таҳдид мекунад.

Тибқи иттилоъе, ки пруфессор Парвона Ҷамшед дар китоби “Шуғнон” гирд овардааст, беш аз 180 ҳазор нафар дар дунё бо

забони шуғнӣ сӯҳбат мекунанд ва адами алифбо ва расмулхати ин забон аз мушкилоти аслӣ барои нигаҳ доштани он унвон шудааст.

Вай афзуд: “Агарчи баъзеҳо бар он назаранд, ки замони шеър дигар кайҳо гузашта, ман бо ин ҳарфҳо мувофиқ нестам. Ба ҳар ҳол ҷаҳони шеърҳо бо забони помирӣ тоза рушд мекунад ва хушбахтона алоқамандони шеърҳои шуғнонӣ сол то сол зиёд мешаванд аз зумраи ҷавононе ки тоза вориди дунёи назм мегарданд .”

Нодир Шанбезода, Мулло Лочин, Адими Шуғнонӣ, Сардорро метавон аз поягузорони назму насри забонҳои помирӣ унвон кард ва имрӯз ҷавонон бар пайравӣ аз онҳо саъй мекунанд шеър ва ё ҳикояву достон эъҷод кунанд.